**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
**Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор**
**_____________Ибодуллозода А. И.**

**«17»__ноябри__ 2025**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Якубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзуи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ)**

Мувофиқи суратмаҷлиси № 2, аз санаи 10.10.2025 с. дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA – 082-и назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав оид ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳамчун муассисаи пешбар ба диссертатсияи унвонҷӯ Якубшоев Афруз Хубоншоевич таъин гардида буд.

Диссертатсияи Якубшоев Афруз Хубоншоевич дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шуда, ба ихтисосе, ки аз рӯйи он кор ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, мутобиқат намуда, он дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, протоколи № 4 аз 15,

ноябри соли 2025 баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия аъзоёни кафедра: доктори илмҳои таърих, профессор А. Ҳақназаров, номзадони илмҳои таърих, дотсентон Ғ. Гадоев, Ғ. Роҳатов, М. Шарипов, С. П. Сайнаков, М. Ганҷакова, С. Ғуломшоев, Д. Раҳматшоев ва муаллимони калон, унвонҷӯёну докторантон (PhD)-и кафедра иштирок доштанд.

Муассисаи пешбар дар хулосаи мусбии худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои таърих Ганҷакова Матлуба омода гардидааст, иброз менамояд, ки диссертатсияи Якубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзӯи мубрам навишта шуда, аҳаммияти назариявию амалии илмӣ дорад.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанй) мувофиқат мекунад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз руйи онҳо дар Ҷумхурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмй дода мешаванд ва бо карори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқ.** Таҳқиқот ва хулосабарориҳои масоили таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои тоҷик яке аз ҷузъиётҳои муҳимми соҳаи фарҳанг мебошад, ки аз нигоҳи пешрафти таърихии ҷомеа мубрам буда, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дорад. Ин самти таҳқиқот ҳолати рушди санъати театрӣ, мусиқӣ, синаморо фаро мегирад, ки баррасии мавзуи мазкур яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти маънавии ҷомеаи муосири тоҷик мебошад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Дар диссертатсия гузоришҳои илмӣ ба таври асоснок ва хулосаҳо ба натиҷаҳои бадастомада мувофиқ мебошанд. Диссертатсияи мазкур сазовори таваҷҷӯҳ буда, метавонад

ҳамчун сарчашмаи муҳим барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт хизмат намояд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда** аз он иборат аст, ки бори аввал вазъи рушди санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудааст.

**Саҳеҳии натиҷаҳо** ба муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисола таҳияшуда бо методологияи донишҳои илмӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин, тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшударо таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин мекунад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Маводи илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодоти диссертатсия барои рушди соҳаи фарҳанг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир мусоидат хоҳанд кард. Ҳамчунин мазмуну мундариҷаи рисола ба кормандони соҳаҳои ҷудогонаи фарҳанг барои тартиб додани барномаҳои давлатии дарозмуддат ба сифати дастур хидмат карда метавонад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Таҳлилу натиҷаҳои ба даст омадаи рисолаи диссертатсионӣ дар заминаи таҳлили маълумоти дақиқ ва саҳеҳу боэътимоди сарчашмаҳои таърихӣ, таҳқиқоти илмии ходимони намоёни давлатӣ, олимон ва муҳаққиқони намоёни ватанӣ ва хориҷӣ доир ба мавзуи рисола асос ёфта, мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқотӣ дар маҷаллаҳои бонуфузи илмӣ ба нашр расидаанд ва хулосаву пешниҳодҳои муаллиф ҷиҳати идомаи таҳқиқот доир ба мавзуи диссертатсионӣ асоси эътимоди илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ доранд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва таҳқиқ.** Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он аст, ки таҳлилу баррасӣ намудани вазъияти умумии санъати саҳнавӣ, бахусус театр, мусиқӣ, ва синамо мебошад, ки пешниҳоди маълумоти илмии бадастомада натиҷаи муҳими таҳқиқи ӯ мебошад, ки қобилияти таҳлилӣ ва мустақилияти фикрии ӯро нишон медиҳад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии рисолаи диссертатсионӣ дар 13 интишороти муаллиф инъикос шудаанд, ки аз онҳо 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 7 мақола дар дигар нашрияҳоро ташкил медиҳанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия Якубшоев Афруз Хубоншоевич аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда номгӯй иборат аст.

**Дар муқаддима** аҳаммияту дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳову навгониҳо, муҳимтарин нуктаҳое, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, ба таври фишурда шарҳ ёфтаанд. Ҳамчунин, методикаи таҳқиқ тавсиф шуда, арзиши назариву амалии кор бо далелҳо собит ва дараҷаи таҳқиқи масъала муайян гардидааст.

Боби аввали диссертатсия - «**Мақоми санъати театри тоҷик дар ҷомеаи муосир**» унвон дошта, аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар ин бахш пажуҳишгар қайд мекунад, ки соҳаи фарҳанг ва санъати саҳнавӣ барои рушди ҳаёти маънавии ҷомеа, ташаккули низоми арзишҳо ва ахлоқи миллӣ моҳияти махсус дорад. Бо ҳамин мақсад давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт сиёсати мушаххас баҳри пешбурд ва фароҳам овардани фазои мусоиди инкишофи соҳа тарҳрезӣ ва пиёда намудааст. Вазъи театрҳои касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арафаи истиқлолият бо фаъолияти пурсамар ва эҷодиёти пурғановат дар

саҳифаҳои таърих таҳлил шудааст. Нақши санъати саҳнавӣ дар таҳкими худшиносии миллӣ, эҳтиром ба таърихи ниёгон ва афзудани эътибори кишварамон дар арсаи ҷаҳон ниҳоят бузург аст. Санъати саҳнавӣ, ки падидаи иҷтимоии башарият ҳасту дар ҷомеаи муосири Тоҷикистони соҳибистиқлол ҷавҳари ҳастии миллат эътироф шудааст, баҳри ташаккули худшиносии миллӣ, эҳсоси ватандӯстӣ, шинохти таърихи ибратомӯзи ниёгон ва комёбиҳои муассири замони истиқлолият мусоидат менамояд. Маълум аст, ки фарҳанги маънавии мардуми тоҷик аз як хазинаи пурбори таъриху фарҳанги ирфонӣ сарчашма мегирад, ки солҳо дар масири мавҷудияти таърихии миллати тоҷик, дар эҳё ва идомаи ҳастии таърихии миллат нақши созгор гузоштааст.

Дар боби дуюм **«Рушди хусусиятҳои хоси миллии санъати мусиқии тоҷик дар солҳои истиқлол»** ҳаёти мусиқии кишвар, мушкилиҳо, камбудиҳо ва пешравиҳои соҳа мавриди омӯзиш ва тадқиқ қарор дода шудааст.

Муҳаққиқ қайд мекунад, ки ҳаёти мусиқии ҷумҳурӣ баъд аз ба эътидол омадани вазъи сиёсии кишвар беш аз пеш беҳтару ҷолибтар шудааст. Муассисаҳои мусиқии касбӣ мушкилоти зиёди моддӣ-техникиро аз сар гузаронданд, аммо фаъолият дар ин самт қатъ нагардид.

Бо қабул гардидани як қатор фармонҳои Президенти мамлакат ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти мусиқӣ тағйироти назаррас ба вуҷуд омадаанд. Ба хотири эҳёву рушди санъати анъанавии миллӣ, аз ҷумла «Шашмақом» ва «Фалак» давлату ҳукумат ва махсусан, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунанд. Перомуни он қарорҳову супоришоти дахлдор қабул гардидаанд, ки аз болои онҳо назорати қатъӣ ҷорӣ шудааст. Тағйироти чашмгире дар ин ҷода ба назар мерасанд.

Соли 2000-ум Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рушди «Шашмақом» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 12-уми май, таҳти №294) интишор гардид. Ба туфайли ин дар ҷумҳурӣ мактаб-студияҳои бачагона, ансамблҳои мақомсароён кушода шуда, фестивалҳо, мизи мудаввар, симпозиумҳо доир ба «Шашмақом» ташкил ва гузаронида шудаанд. Ҳамчунин, омӯзиши бисёрҷонибаи «Шашмақом» ба роҳ монда шуда, пайдоиши он, рушд ва услуби иҷро кардани он масъалаҳои асосӣ ба шумор мерафтанд.

Дар боби сеюми диссертатсия «**Дигаргуниҳо ва назари нав дар синамои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият**» масъалаҳои тамоюли нав дар санъати синамо ва ҳамкориҳои хориҷии синамогарони тоҷик мавриди тадқиқ ва омӯзиш қарор дода шудаанд.

Доир ба мавқеъ ва манзалати синамо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳояшон қайд намудаанд: «Синамо чун ҷузъи асосии фарҳанги ҷомеа воситаи асосии тарғиб ва паҳнкунии идеологияи давлатӣ дар байни ҷомеа маҳсуб меёбад ва ягон намуди дигари санъат онро иваз карда наметавонад».

Ба сабаби ҷанги шаҳрвандӣ аксари мутахассисоне, ки дар киностудияҳо кору фаъолият мекарданд, кишварро тарк намуда, дар мамлакатҳои дигар фаъолияти касбии худро идома доданд. Бештари наворбардорон, коргардонҳо, рассомон ва ҳунарпешагони «Тоҷикфилм» касбу кори худро монда ба машғулиятҳои дигар шуғл меварзиданд. Як гурӯҳи дигари ҳунарпешагон аз ҳудуди ҷумҳурӣ баромада дар Украина, Фаронса ва Олмон фаъолияти кории худро идома медиҳанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Яқубшоев Афруз Хубоншоевич «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлол (1991-2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии дактори фалсафа (PhD), доктор аз

рӯи ихтисос ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) мутобиқат намуда, ба талаботҳои муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯй мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Якубшоев Афруз Хубоншоевич ба ихтисоси илмии дархостшаванда аз рӯи ихтисос ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) мутобиқ мебошад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқараргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисос ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи худро ёфтаанд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. Дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзуи илмӣ диссертант дар баробари асарҳои Пешвои миллат, инчунин суханрониҳо, паёмҳо ва маърузаҳояшонро ҳам нишон додааст, ки онҳо хусусияти сарчашмавӣ доранд. Албатта, диссертант онҳоро дар як гуруҳи алоҳида дар бахши заминаи манбаъвии кор нишон додааст, барои ҳамин хуб мешуд, ки дар бахши сатҳи омӯзиши мавзуъ танҳо асарҳои таърихӣ-таҳқиқотии Пешвои миллатро нишон медод.

2. Диссертант масъалаи омодакунии мутахассисони соҳаи мусиқиро мавриди омӯзиш қарор додааст, вале баъзе масъалаҳо, аз ҷумла авҷгирӣ ва таъсири манфии копиясароиро дар санъати мусиқии тоҷик нишон надодааст.

3. Дар диссертатсия муҳаққиқ ба баргузорию натиҷаи фестивал-озмунҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда бошад ҳам, мулоҳизаҳои худи муҳаққиқ, таҳлили муқоисавӣ низ ба таври кофӣ дида намешавад.

4. Дар самти омӯзиши масъалаи вазъ ва пешрафти соҳаи синамои тоҷик муаллиф диққати ҷиддӣ додааст, лекин самти вусъатёбии ҳамкориҳои касбию эҷодии кормандони соҳа бо ҳаммаслакони хориҷӣ дар диссертатсия ба таври зарурӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода нашудааст.

5. Дар диссертатсия камбудиҳои техникию имлоӣ ба чашм мерасанд.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ ва осонислоҳ буда, арзиши аслии таҳқиқи диссертатсияро кам намекунанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Яқубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзуи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқи ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02– Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик)) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисос ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ», номзади илмҳои таърих Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна тартиб

дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, (протоколи № 4 аз 15 ноябри соли 2025) муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 21 - нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 21 нафар, зид - нест, бетараф-нест.

**Раиси ҷаласа, мудири**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсент** **Сайнаков Сайнак Парпишоевич**

**Ташхисгар, и. в. дотсенти**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ,**
**номзади илмҳои таърих** **Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна**

**Котиби ҷаласа** **Ёров Муҳаммадҷон Ҳабибуллоевич**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121 ДДОТ ба номи С. Айнӣ
Телефон: (+992) 2241383 Почтаи электронӣ: info@tgpu.tj

**Тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи С. Айнӣ** **Қодирзода Саидвалӣ**

**“15” ноябри 2025**

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС